# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451

Мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷшшстон аз 31 августи соли 2012, № 451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" бандҳои 4, 5 ва 6 дар таҳрири зайл илова карда шаванд:

"4. Барои соҳибкорони инфиродие, ки маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда дар шакли пешпардохт (бо назардошти индексатсия) анҷом медиҳанд, ба андозаи 10 фоизи маблағи умумӣ кам карда мешавад.

5. Маъмурияти бозорҳо, марказҳои савдо, инчунин ташкилотҳои ба фаъолияти хизматрасонии наклиётӣ машғулбуда, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ва (ё) шартнома оид ба гирифтани роҳхат ба хатсайрҳо ба имзо мерасонанд, ухдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳалли қайди худ маълумотҳоро оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият бо нишондоди раста ва ҷойи фаъолият ба таври электронӣ пешниҳод намоянд.

6. Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат дода шавад, ки аз соли 2019 ҳар сол бо дарназардошти сатҳи таваррум дар соли гузаштаи андоз, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи омор муайян карда мешавад, тибқи фармоиши муштараки худ андозаҳои пардохт барои патентро индексатсия намуда, муқаррар кунанд ва тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" онро ба қайди давлатӣ гиранд.".

- бандҳои 4 ва 5 мутаносибан бандҳои 7 ва 8 ҳисобида шаванд.

2. Ба Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- ҷумлаи дуюми банди 11 хориҷ карда шавад;

- дар банди 18 пас аз калимаҳои "маҳалли фаъолият," калимаҳои "дар давраҳои дар хизмати ҳарбӣ қарор доштан, бо ҳукми (қарори) суд дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ нигоҳ доштан ва (ё) дар изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ қарор доштан, дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан," илова карда шаванд;

- аз зербанди в) банди 28 калимаҳои "(ба истиснои амалиёти мубодилаи асъор)" хориҷ карда шавад;

- боби 4 хориҷ карда шавад.

3. Ба Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тасдиқ карда шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- аз банди 3 калимаҳои ", гиёҳҳои худрӯи шифобахш, донаи офтобпараст ва зира" хориҷ карда шаванд;

- аз банди 4 калимаҳои ", дӯғоб, чой ва ғулингоб" хориҷ карда шаванд;

- аз банди 6 калимаҳои "ва биринҷ" хориҷ карда шаванд;

- бандҳои 9, 10 ва 11 дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

* ҷадвал

- аз банди 12 калимаҳои ", фурӯши рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, тақвимҳо ва китобҳо дар кӯча, фурӯши молҳои қаблан дар истеъмолбуда" хориҷ карда шаванд;

- аз банди 29 калимаҳои "ва хизматрасониҳои осиёбӣ" хориҷ карда шуда, пас аз калимаҳои "техникаи кишоварзӣ" калимаҳои "инчунин бурдан ва расонидани ёрии муҳосибӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ" илова карда шаванд;

- дар банди 33 пас аз калимаҳои "ҷашну маъракаҳо" калимаҳои ". Сабти мусиқӣ дар телефони мобилӣ, фурӯши дискҳои (фиттаҳои) аудиоӣ ва видеоӣ" илова карда шаванд;

- дар банди 35 пас аз калимаҳои "таълимӣ - репетиторӣ." калимаҳои "Таъмири асбобҳои мусиқӣ." илова карда шавад;

- дар банди 36 калимаҳои "нусхагирӣ, таъмири асбобҳои мусиқӣ" ба калимаи "кафшергарӣ" иваз карда шавад;

- банди 37 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

* ҷадвал

- дар банди 38 калимаҳои "Таъмир ва тоза намудани пойафзол берун аз бинои статсионарӣ, хизматӣ" ба калимаи "Хизмати" иваз карда, калимаҳои "телефони кӯчагӣ," хориҷ карда шаванд;

- аз банди 39 калимаҳои ".Нигоҳубини пиронсолон, беморон ва кӯдакон" хориҷ карда шаванд;

- дар банди 40 пас аз калимаҳои "Муқовакунии ҳуҷҷатҳо" калимаи ", нусхагирӣ" илова карда шавад;

- банди 41 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

* ҷадвал

- банди 43 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

* ҷадвал

- дар банди 46 калимаи "кандакорӣ" ба калимаҳои "насб ва таъмири антеннаҳои маҳворавӣ" иваз карда шавад;

- банди 48 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

* ҷадвал

- дар банди 49 пас аз калимаи "наққошӣ" калимаҳои ", ба истиснои чунин фаъолиятҳо дар деҳотҷойҳо" илова карда шаванд;

- дар Эзоҳ калимаи "нагардидаанд" ба калимаи "гардидаанд" ва калимаи "мешавад" ба калимаи "намешавад" иваз карда шаванд;

- ҷумлаи дуюми сархати якуми Эзоҳ хориҷ карда шавад;

- дар Эзоҳ ҷумлаҳои нав бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

"Андозаи пардохти патент барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба андозаи дукаратаи пардохт барои патент аз рӯи ҳамон намуди фаъолиятҳо, ки онҳо истифода мебаранд, амалӣ карда мешавад.

Фаъолият оид ба фурӯши гиёҳҳои худрӯйи шифобахш, дӯғоб, ғулингоб, чой ва донаи офтобпараст дар кӯча, фурӯши

рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, тақвимҳо ва китобҳо дар кӯча, фурӯши молҳои қаблан дар истеъмолбуда, чаронидани чорво, таъмир ва тоза намудани пойафзол берун аз бинои статсионарӣ, хизматрасонии телефони кӯчагӣ, нигоҳубини пиронсолон, беморон ва кӯдакон, кашонидани бор ба воситаи ароба дар кӯча ва бозорҳо, шустушӯи воситаи нақлиёт дар кӯча (ба ғайр аз ҷойҳои махсусгардонидашуда) ва қабрканҳо (гӯрканҳо), дар деҳотҷойҳо амалӣ намудани фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои бадеии халқӣ ва маҳсулоти бофташуда (пашмӣ, намадӣ, пахтагӣ абрешимӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ), дар деҳотҷойҳо ба роҳ мондани омӯзиши ҳунарҳои миллӣ (дӯзандагӣ, бофандагӣ, риштабофӣ, газворбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ ва наққошӣ) мавриди андозбандӣ қарор намегирад ва барои амалӣ намудани он патент талаб карда намешавад.".

4. Ба Коэффитсиентҳои минтақавӣ, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳру ноҳияҳо танзим менамоянд ва ҳамчун замимаи 3 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451 тасдиқ карда шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- дар гурӯҳи 3 калимаи "Қайроққум" ба калимаи "Гулистон", калимаи "Чкаловск" ба калимаҳои "Бӯстон, Ҳисор" иваз карда шуда, калимаи ", Ҳисор" хориҷ карда шавад;

- дар гурӯҳи 4 пас аз калимаи "Сарбанд" калимаи ", Норак" илова карда шуда, калимаи "Румӣ" ба калимаи "Балхӣ" иваз карда шуда, калимаҳои "ва Норак" хориҷ карда шаванд;

- дар гурӯҳи 5 калимаҳои "Ҷиликӯл", "Қумсангир" ва "Ғончӣ" мутаносибан ба калимаҳоп "Дӯстӣ", "Ҷайҳун" ва "Деваштич" иваз карда шуда, пас аз калимаи "Истиқлол" калимаҳои "ва Панҷакент" илова карда шаванд;

- дар гурӯҳи 6 калимаҳои "деҳотҷойҳои он" ба калимаи "деҳотҷойҳо" иваз карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
аз 25 январи соли 2017 № 45

# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

# Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361, аз 25 январи соли 2017 № 45)

Мутобиқи моддаҳои 284, 286, 289 ва 327 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент тасдиқ карда шаванд (Замимаҳои 1 ва 2).

2.Коэффисиентҳои минтақавӣ, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳру ноҳияҳо танзим менамоянд, тасдиқ карда шаванд (Замимаи 3).

3. Барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти кишоварзиро анҷом медиҳанд, меъёри андози иҷтимоӣ ба андозаи 10 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад. Пардохти андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар замини лалмӣ фаъолият менамоянд, дар як соли тақвимӣ ҳафт моҳ муқаррар карда шавад. Маблағи пардохти андози иҷтимоии аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ метавонад аз андозаи муқарраршуда зиёдтар бошад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361*).

4. Барои соҳибкорони инфиродие, ки маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда дар шакли пешпардохт (бо назардошти индексатсия) анҷом медиҳанд, ба андозаи 10 фоизи маблағи умумӣ кам карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 25 январи соли 2017 № 45)*.

5. Маъмурияти бозорҳо, марказҳои савдо, инчунин ташкилотҳои ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ва

(ё) шартнома оид ба гирифтани роҳхат ба хатсайрҳо ба имзо мерасонанд, уҳдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳалли қайди худ маълумотҳоро оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият бо нишондоди раста ва ҷойи фаъолият ба таври электронӣ пешниҳод намоянд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 25 январи соли 2017 № 45)*.

6. Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат дода шавад, ки аз соли 2019 ҳар сол бо дарназардошти сатҳи таваррум дар соли гузаштаи андоз, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи омор муайян карда мешавад, тибқи фармоиши муштараки худ андозаҳои пардохт барои патентро индексатсия намуда, муқаррар кунанд ва тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" онро ба қайди давлатӣ гиранд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 25 январи соли 2017 № 45)*.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009, № 656 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии шахсони воқеие, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд ва муқаррар намудани андозаи андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ, аз ҷумла роҳбари хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), ки шахси ҳуқуқӣ намебошад" аз эътибор соқит дониста шавад.

8. Қарори мазкур аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе

аз 31 августи соли 2012, № 451

Замимаи 1
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 августи соли 2012,
№ 451 тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361, аз 25.01.2017 № 45)

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Андозбандии даромади умумии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом медиҳанд, тибқи Қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

2. Соҳибкори инфиродӣ наметавонад дар як вақт фаъолиятро дар асоси ду варақаи патент, ду варақаи шаҳодатнома ё варақаҳои патент ва шаҳодатнома анҷом диҳад.

3. Шахси воқеие, ки дар амал фаъолияти соҳибкориро анҷом дода, аз бақайдгирии давлатӣ нагузаштааст, бо мақсадҳои андозбандӣ соҳибкори инфиродӣ дониста мешавад.

4. Соҳибкори инфиродӣ то он лаҳзае, ки фаъолияти ӯ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда қатъ карда нашудааст, ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти соҳибкории худро давом медиҳад ва дар назди буҷет ӯҳдадориҳои андоз дорад, эътироф карда мешавад.

5. Даромадҳои соҳибкори инфиродие, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ гардиданд, ба даромади умумии андозбандишавандаи соҳибкор дохил карда намешаванд.

## 2. Қоидаҳои андозбандии фаъолият тибқи патент

6. Фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент танҳо аз ҷониби шахси воқеие анҷом дода мешавад, ки ба номи ӯ патент дода шудааст.

7. Бо дарназардошти талаботи Қоидаҳои мазкур пардохт барои патент пардохти устувори андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ буда, аз даромади дар амал бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста намебошад.

8. Андозбандии соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда тибқи Қоидаҳои мазкур анҷом дода мешавад, агар дар як вақт шартҳои зерин иҷро карда шаванд:

а) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ (патенти дахлдор) ба номи чунин соҳибкор дода шуда бошад;

б) маблағи патент барои моҳи (моҳҳои) тақвимии минбаъда аз ҷониби соҳибкор пешакӣ (бо тариқи пешпардохт) пардохт шуда бошад;

в) соҳибкори инфиродӣ фаъолиятро бе ҷалби коргарони кироя ва бе амалӣ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ анҷом диҳад;

г) намуди фаъолияти соҳибкории анҷомдодашавандаи соҳибкор дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки бо қарори мазкур тасдиқ шудааст, пешбинӣ гардида бошад;

д) даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар соли тақвимӣ аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд набошад.

9. Дар ҳолате, ки шахси воқеӣ амалан коргари кироя маҳсуб ёфта, фаъолияти он бо қонунгузории меҳнат ва (ё) шартномаи меҳнатӣ ва (ё) тартиби кории шахси ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад, ё шахси воқеӣ танҳо ба як шахси дигар хизмат намуда (кор карда), муносибатҳои онҳо дорои аломатҳои муносибатҳои мехнатӣ мебошанд, андозбандии чунин шахси воқеӣ дар асоси патент манъ мебошад.

10. Патент дар ҳолати мавҷудияти ҳуҷҷатҳое, ки пешпардохти маблағи патентро барои (моҳи) моҳҳои тақвимии минбаъда тасдиқ менамоянд (барои шахси воқеӣ - шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ - дар моҳи (моҳҳои) тақвимӣ то охири соли тақвимӣ ё моҳҳои тақвимии дар раводид ё дигар ҳуҷҷати муқарраршуда дарҷ гардида) эътибор дорад.

11. Дар ҳолате, ки фаъолияти соҳибкори инфиродӣ - дорандаи патент ба талаботҳои бандҳои 8, 9 ва 10 Қоидаҳои мазкурро мутобиқат намекунад, чунин соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқи истифодаи системаи патентиро надорад ва ӯҳдадор аст дар мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ бо тартиби муқарраргардида оид ба қатъ намудани бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ариза диҳад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 45)*.

12. Маблағи пардохти патент аз намуди фаъолияти соҳибкори инфиродӣ тибқи Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, давраи пардохт (моҳҳои пурраи тақвимӣ) ва минтақаи фаъолияти соҳибкории он вобаста мебошад.

13. Агар минтақаи фаъолият тамоми қаламрави ҷумҳурӣ интихоб шуда бошад, пас маблағи пардохти патент барои намуди фаъолияти амалишаванда аз рӯи меъёрҳои барои шаҳри Душанбе муқарраршуда муайян карда мешавад. Агар минтақаи фаъолият ҳудуди ягон вилоят (вилоятҳои) Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, маблағи пардохти патент аз рӯи меъёри баландтарини барои шаҳру ноҳияҳои вилояти (вилоятҳои) дахлдор муқарраршуда, муайян карда мешавад. Агар минтақаи фаъолият ду ё аз ин зиёд ноҳияҳои (шаҳрҳои) тобеи ҷумҳурӣ бошад, маблағи пардохти патент аз рӯи меъёри баландтарини барои ин ноҳияҳо (шаҳрҳо) муқарраршуда муайян карда мешавад.

14. Дар ҳолати вайрон кардани талаботи банди 13 Қоидаҳои мазкур соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор аст, ки маблағи патентро аз рӯи меъёрҳои барои шаҳри Душанбе муқарраршуда пардохт намояд.

15. Дар ҳолате, ки соҳибкори инфиродӣ хоҳиши анҷом додани 2 ё зиёда аз он намудҳои фаъолияти дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ пешбинишударо дошта бошад (ё амалан анҷом дода истодааст), чунин соҳибкор 100 фоизи маблағи баландтарини патент барои фаъолияти интихобгардида пешбинишуда, инчунин 20 фоизи маблағи патент барои ҳар як дигар намудҳои фаъолияти интихобшуда месупорад.

16. Пардохт барои патент бо дарназардошти татбиқ намудани Коэффисиентҳои минтақавие, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳрҳо ва ноҳияҳо

танзим менамоянд ва бо қарори мазкур тасдиқ шудаанд, ҳисоб карда мешавад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361*).

17. Новобаста аз санаи бақайдгирии давлатии оғози фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси патент ё санаи бақайдгирии давлатии қатъ намудани фаъолият, пардохт барои патент барои моҳҳои пурраи тақвимӣ (аз ҷумла моҳи оғози фаъолият ва моҳи қатъи фаъолият) амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, тибқи тартиби муқарраргардида қатъ намудани фаъолият тариқи патент то санаи 5 моҳи тақвимӣ ӯҳдадории пардохт барои патент барои ин моҳи тақвимӣ ташкил наменамояд. Дар ҳолати риоя нагардидани мӯҳлати муқарраршуда маблағи патент барои ҳар моҳи тақвимӣ пурра ба буҷет пардохт мегардад.

18. Ҳангоми бемории бистарӣ будан ё фавти соҳибкори инфиродӣ ва (ё) рух додани сӯхтор дар маҳалли фаъолият, дар давраҳои дар хизмати ҳарбӣ қарор доштан, бо ҳукми (қарори) суд дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ нигоҳ доштан ва (ё) дар изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ қарор доштан, дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан, ки амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро ғайриимкон менамояд, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда маблағи патент дар ин давра пардохт карда намешавад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361, аз 25.01.2017 № 45).*

19. Баъди ҷамъбасти соли тақвимӣ байни соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ санади муқоисавӣ тартиб дода мешавад. Санади муқоисавӣ на дертар аз 1 марти соле, ки пас аз соли ҳисоботӣ фаро мерасад, бо пешниҳоди расидҳои бонкӣ тартиб дода мешавад. Тартиб додани санади муқоисавӣ байни соҳибкори инфиродӣ ва мақомоти андоз хатмӣ мебошад.

20. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи қатъи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ тариқи патент фаъолияткунанда ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки қонунгузорӣ дар бораи бақайдгирии давлатӣ муқаррар намудааст.

## 3. Қоидаҳои андозбандии фаъолият дар асоси шаҳодатнома

21. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дорои ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя буда,

метавонад тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкориро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Қоидаҳои мазкур маҳдуд накардааст, анҷом диҳад.

22. Андозбандии даромадҳои шахсони воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси шаҳодатнома амалӣ менамоянд, мувофиқи низомҳои махсуси андозбандии муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда вазифадор аст эъломияҳои (ҳисобҳои) андозро тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

23. Ӯҳдадориҳои андозии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз натиҷаи фаъолияти соҳибкории ӯ вобаста мебошад. Ҳамзамон меъери андози иҷтимоии чунин соҳибкори инфиродӣ новобаста аз даромади бадастомада наметавонад аз андозаи ҳадди зиёдтарини андози иҷтимоӣ, ки барои соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда бо назардошти татбиқи коэффитсиентҳои минтақавӣ муқаррар шудааст, камтар бошад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361*).

24. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ӯҳдадор аст, ки баҳисобгирии муҳосибавии даромадҳо ва хароҷотҳои соҳибкории худро тибқи тартиби соддакардашуда, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ мекунад, амалӣ намояд.

25. Дар ҳолати ҳисобаробаркунӣ бо пули нақд соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, ки тибқи тартиби муқарраршуда мошинҳои назоратӣ-хазинавиро бо хотироти фискалӣ истифода барад.

26. Даромади умумии солонаи соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз ҳамаи намудҳои фаъолияти амалишавандаи он наметавонад аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд бошад.

27. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда наметавонад воҳидҳои махсус дошта бошад.

28. Агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, соҳибкори дар асоси

шаҳодатнома фаъолияткунанда метавонад ҳамаи намуди фаъолиятро анҷом диҳад, ба истиснои:

а) истеҳсоли молҳои зераксизӣ (ба истиснои нӯшокиҳои ғайриспиртӣ) ва амалӣ намудани фаъолияти зераксизӣ;

б) фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ба истиснои воридот ва содироти молҳои ниёзи мардум ба маблағи то 500 ҳазор сомонӣ) (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361*);

в) фаъолияти бонкӣ ё намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ, фаъолияти суғуртавӣ, фаъолият оид ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ, фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 45)*;

г) фаъолият доир ба истифодабарии қаъри замин;

д) қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, дигар металлҳо, консентрат, оҳанпора ва маъданҳо;

е) фурӯши сӯзишворӣ, гази моеъ ва табиӣ, таъсиси бозорҳо, меҳмонхонаҳо (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361*);

ж) ташкили сехҳои оҳангудозӣ (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.08.2013 № 361)*.

29. Дар ҳолате, ки дар давоми соли тақвимӣ даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд гардад, ин соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, ки ба мақомоти андози маҳали баҳисобгирии бақайдгирии худ маълумот пешниҳод намуда, фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ аз санаи 1 моҳи минбаъда тибқи тартиби муқарраргардида қатъ намояд. Соҳибкори мазкур метавонад фаъолияти худро дар асоси низоми дигари андозбандии муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ҳамчун шахси ҳуқуқӣ идома диҳад.

30. Вайрон кардани талаботи Қоидаҳои мазкур барои кашидан ба ҷавобгарие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, асос мебошад.

Боби 4 хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 45)*.

Ниг. ба Замимаи 2

Ниг. ба Замимаи 3

Замимаи 2
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 августи соли 2012, № 451
тасдиқ шудааст

Номгӯи

намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент

(сомонӣ дар як моҳ)

| № | Намуди фаъолият | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Маблағи патент |
|---|---|---|---|---|
| Фурӯши молҳои ниёзи мардум | | | | |
| 1. | Фурӯши яхмос, маҳсулоти қаннодӣ, асал, ҳама гуна шириниҳо, самбӯса, биринҷ ва меваи хушк | 105 | 53 | 158 |
| 2. | Фурӯши мева, аз ҷумла ситрусӣ, инчунин тарбуз, харбуза ва каду | 82 | 41 | 123 |
| 3. | Фурӯши сабзавоти тару тоза, турушонидашуда, маҳсулоти ширӣ, тухм | 59 | 29 | 88 |
| 4. | Фурӯши нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, квас, оби газнок | 70 | 35 | 105 |
| 5. | Фурӯши нос | 187 | 94 | 281 |
| 6. | Фурӯши ғайристатсионарии нон, кулча ва маҳсулоти нонӣ, фурӯши патароқи ҷуворимакка | 46 | 24 | 70 |
| 7. | Фурӯши равған, моҳӣ (дар ҳама намуд), парранда ва ҳайвоноти хонагӣ, хӯрока ва қафасҳо барои онҳо, лавозимоти моҳигирӣ | 70 | 35 | 105 |
| 8. | Фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти барқӣ дар растаҳо | 140 | 94 | 234 |
| 9. | Фуруши молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти хурокворӣ дар растаҳои ғайристатсионарӣ, аз ҷумла: | | | |
| | 9[1] - дар растаҳои то 3м | 80 | 40 | 120 |
| | 9[2] - дар растаҳои зиёда аз 3м то 4м | 100 | 50 | 150 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | $9^3$ – дар растаҳои зиёда аз 4м то 5м | 130 | 60 | 190 |
| | $9^4$ – дар растаҳои зиёда аз 5м то 6м | 150 | 70 | 220 |
| | $9^5$ – дар растаҳои зиёда аз 6м то 7м | 170 | 80 | 250 |
| | $9^6$ – дар растаҳои зиёда аз 7м то 8м | 190 | 90 | 280 |
| | $9^7$ – дар растаҳои зиёда аз 8м то 9м | 200 | 100 | 300 |
| | $9^8$ – дар растаҳои зиёда аз 9м то 10м | 210 | 110 | 320 |
| 10. | Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ (ба истисноӣ техникаи маишӣ ва телефонҳои мобилӣ, бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо): | | | |
| | - то 10 $м^2$ | 230 | 100 | 330 |
| | - зиёда аз 10$м^2$ то 15$м^2$ | 350 | 110 | 460 |
| | - зиёда аз 15$м^2$ то 20$м^2$ | 470 | 115 | 585 |
| | - барои шаҳри Душанбе 100 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - барои шаҳрҳои Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Кӯлоб 80 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 60 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - берун аз марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 50 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| 11. | Фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои бадеии халқӣ ва маҳсулоти бофташуда (пашмӣ, намадӣ, пахтагӣ, абрешимӣ, гулдузӣ, зардузӣ ба истисноӣ чунин фаъолиятҳо дар деҳотҷойҳо), инчунин фурӯши молҳои миллии касбӣ (сандуқ, гаҳвора ва дигар зарфҳои миллии чӯбин, маҳсулоти кулолӣ, асбобҳои мусиқӣ, сарпӯш ва маҳсулоти мӯина) | 70 | 35 | 105 |
| 12. | Фурӯши маҳсулоти канселярӣ ва бозичаҳои кӯдакона | 70 | 35 | 105 |
| 13. | Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ: | 70,0 | 35 | 105 |
| | - дар растаи то 2м | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - дар растаи аз 2м то 4м | 92,0 | 47 | 139 |
| 14. | Фурӯши ангишт ва ҳезум (ғайристатсионарӣ) | 70 | 35 | 105 |
| 15. | Омода кардан ва (ё) фурӯши таомҳо бе ҷои нишаст ва берун аз биноҳои статсионарӣ | 46 | 24 | 70 |
| 16. | Фурӯши гулҳои тару тоза | 187 | 94 | 281 |
| 17. | Фурӯши маҳсулот аз пластмасса, гулҳои сунъӣ, маҳсулот аз полиэтилен ва коғаз | 59 | 29 | 88 |
| | **Хизматрасонии нақлиётӣ** | | | |
| 18. | Кашонидани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрав | 70 | 35 | 105 |
| 19. | Кашонидани мусофирон ба воситаи микроавтобусҳо | 118 | 59 | 177 |
| 20. | Кашонидани мусофирон ба воситаи автобусҳо | 92 | 47 | 139 |
| 21. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш то 3 тонна ва эвакуаторҳо | 92 | 47 | 139 |
| 22. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 3 то 5 тонна | 118 | 59 | 177 |
| 23. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 5 то 20 тонна | 187 | 94 | 281 |
| 24. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш зиёда аз 20 тонна | 585 | 118 | 703 |
| 25. | Кашонидани маҳсулоти нафтӣ, газы моеъ, семент ва бетон ба воситаи нақлиёти махсусгардонидашуда | 233 | 118 | 351 |
| 26. | Кашонидани борҳо бо трактор | 46 | 24 | 70 |
| 27. | Кашонидани борҳо ба воситаи мотороллерҳо | 28 | 14 | 42 |
| | **Дигар намуди хизматрасонӣ** | | | |
| 28. | Шудгор ва коркарди замин бо техникаи кишоварзӣ | 118 | 59 | 177 |
| 29. | Кӯфтан ва ҷамъоварии зироатҳои ғалладона бо техникаи кишоварзӣ инчунин бурдан ва расонидани ёрии муҳосибӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ | 70 | 35 | 105 |
| 30. | Сурудхонӣ дар ҷашну маъракаҳо | 515 | 118 | 633 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 31. | Ба иҷора додани либоси тӯёна (ба истиснои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб) | 421 | 94 | 515 |
| 32. | Навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо | 92 | 47 | 139 |
| 33. | Истифодаи таҷҳизоти радио, телевизион ва таҷҳизоти дигар барои ороишоти макони баргузории ҷашну маъракаҳо. Сабти мусиқӣ дар телефони мобилӣ, фуруши дискҳои (фиттаҳои) аудиоӣ ва видеоӣ | 140 | 70 | 210 |
| 34. | Банаворгирии ҷашну маъракаҳо ва истифодаи нақлиёти махсуси автомобилӣ дар базмҳои арӯсӣ | 70 | 35 | 105 |
| 35. | Хизматрасониҳои сантехникӣ, электрикӣ, суратгирии берун аз бино, фаъолияти дӯзандагӣ, косметикӣ, сартарошӣ, хизматрасониҳои таълимӣ-репетиторӣ. Таъмири асбобҳои мусиқӣ. Баркдиҳии аккумуляторҳо, дӯхтани ҷилдҳо барои воситаҳои нақлиёт | 92 | 47 | 139 |
| 36. | Таъмир, вулканизатсия ва шустушӯи воситаҳои нақлиёт дар ҷойҳои махсусгардонидашуда, кафшергарӣ корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзгор (ба истиснои истеҳсоли дарвоза, тиреза ва панҷара) | 187 | 94 | 281 |
| 37. | Хизматрасониҳои баҳрнавардӣ тавасути киштиҳои хурдҳаҷм, ҷуфткиштӣ (катамаран) ва скутерҳо | 100 | 70 | 170 |
| 38. | Хизмати миёнаравӣ дар бозор (даллолӣ), бахия кардани маҳсулоти қолинӣ, хизматрасонии тарозу, тез кардани корду асбобҳо, тайёр намудани калидҳо | 47 | 24 | 71 |
| 39. | Хизматрасонӣ оид ба иҷрои корҳо дар хонаҳо | 35 | 18 | 53 |
| 40. | Муқовакунии ҳуҷҷатҳо, нусхагирӣ | 47 | 24 | 71 |
| 41. | Фаъолияти маҳсгарӣ дар хона, ба иҷора додани мизу курсӣ | 40 | 30 | 70 |
| 42. | Ҳоҷатхонаи ҷамъиятии музднок (пулакӣ) | 140 | 71 | 211 |
| 43. | Тайёр намудани санги мазор, пешниҳоди тахтаи эълонҳо ва дигар маълумотҳо | 80 | 40 | 120 |
| 44. | Хизматрасонии экскаватор ва кранҳои борбардор | 233 | 118 | 351 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 45. | Таъмири маҳсулоти ҷавоҳирот | 140 | 71 | 211 |
| 46. | Корҳои ҳаккокӣ, насб ва таъмири антеннаҳои маҳворавӣ, таъмири соат, телефон, зарф ва техникаи маишӣ | 70 | 35 | 105 |
| 47. | Корҳои сохтмонию таъмирӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ | 92 | 47 | 139 |
| 48. | Хизматрасонии рассомӣ (аз он ҷумла, рақами воситаи нақлиёт, рақамгузории кӯчаҳо) | 100 | 80 | 180 |
| 49. | Омӯзиши ҳунарҳои миллӣ (дӯзандагӣ, бофандагӣ, риштабофӣ, газворбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ, наққошӣ ба истиснои чунин фаъолиятҳо дар деҳотҷойҳо | 70 | 35 | 105 |

**Эзоҳ:** Ба намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки дар Номгӯй дарҷ гардидаанд, шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода намешавад, ба истиснои:

- дар банди 10 Номгӯй бо хоҳиши соҳибкори инфиродӣ дар нуқтаи статсионарии савдо то 20 м2 ба ивази патент шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода мешавад.
- дар банди 13 Номгуй дар ҳолати аз 4 м зиёд гардидани растаи савдо шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода мешавад.

Андозаи пардохти патент барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба андозаи дукаратаи пардохт барои патент аз рӯи ҳамон намуди фаъолиятҳо, ки онҳо истифода мебаранд, амалӣ карда мешавад.

Фаъолият оид ба фурӯши гиёҳҳои худрӯйи шифобахш, дӯғоб, ғулингоб, чой ва донаи офтобпараст дар кӯча, фурӯши рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, тақвимҳо ва китобҳо дар кӯча, фурӯши молҳои қаблан дар истеъмолбуда, чаронидани чорво, таъмир ва тоза намудани пойафзол берун аз бинои статсионарӣ, хизматрасонии телефони кӯчагӣ, нигоҳубини пиронсолон, беморон ва кӯдакон, кашонидани бор ба воситаи ароба дар кӯча ва бозорҳо, шустушӯи воситаи нақлиёт дар кӯча (ба ғайр аз ҷойҳои махсусгардонидашуда) ва қабрканҳо (гӯрканҳо), дар деҳотҷойҳо амалӣ намудани фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои бадеии халқӣ ва маҳсулоти бофташуда (пашмӣ, намадӣ, пахтагӣ абрешимӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ), дар деҳотҷойҳо ба роҳ мондани омӯзиши ҳунарҳои миллӣ (дӯзандагӣ, бофандагӣ, риштабофӣ, газворбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ ва наққошӣ) мавриди андозбандӣ қарор намегирад ва барои амалӣ намудани он патент талаб карда намешавад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 45) .

Замимаи 3
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 августи соли 2012, № 451
тасдиқ шудааст

Коэффисиентҳои минтақавӣ,
ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳру ноҳияҳо
танзим менамоянд

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 45)

| Гурӯҳҳо | Номгӯи шаҳрҳо ва ноҳияҳо | Коэффисиентҳои минтақавӣ |
|---|---|---|
| 1. | Шаҳри Душанбе | 1,2 |
| 2. | Шаҳрҳои Хуҷанд ва Қӯрғонтеппа | 1,15 |
| 3. | шаҳрҳои Истаравшан, Турсунзода, гулистон, Ваҳдат, Бӯстон, Ҳисор, Марказҳои маъмурии ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Бобоҷон Ғафуров (қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 45) | 1,1 |
| 4. | Шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Кӯлоб, Сарбанд, Норак ва Хоруғ; Марказҳои маъмурии ноҳияҳои Спитамен, Ҷаббор Расулов, Ҷалолиддини Балхӣ, Данғара, Бохтар, Вахш, Шаҳринав, Файзобод, Варзоб (қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 45) | 1,0 |
| 5. | Шаҳрҳои Роғун, Истиқлол ва Панҷакент; Марказҳои маъмурии ноҳияҳои Дӯстӣ, Ҷайҳун, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хуросон, Восеъ, Фархор, Мир Саид Алии ҳамадонӣ, Ёвон, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Деваштич ва Носири Хусрав (қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.08.2013 № 361, аз 25.01.2017 № 45) | 0,80 |
| 6. | Дигар шаҳрҳо, марказҳои маъмурии ноҳияҳои дигар деҳотҷойҳо (қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 45) | 0,7 |